ҚАРОРИ

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 5-уми июли соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Фасеҳзода Ислом Саймирзо; тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; баромади муқарризи расмӣ Қурбонзода Маҳмадали Раҳмат - доктори илмҳои иқтисодӣ, Раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризи муқарризи расмӣ Файзуллаева Каромат Наврусовна - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: профессорон, доктори илмҳои иқтисодӣ Самандаров И.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ Насиров Р., доктори илмҳои иқтисодӣ Кудратов Р.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ Пиризода Ҷ.С. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳаммияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Назарзода Алишер Сафар дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.